“Тасдиқ менамоям”
директори Институти биологии
Помир ба номи академик Х.Ю.
Юсуфбеков
н.и.б. ____________ Хуҷамзода Г.Х.
“30” апрели 2024 с.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи: «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

**Муҳимияти мавзуи диссертатсионӣ.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот, мавқеи муайянро ишғол менамояд Пешрафти ояндаи соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Руёнидани ҳосили баланд ва истеҳсоли тухмии хушсифати картошка аз заминҳои обёришавандаи минтақаҳои кӯҳӣ самти муҳими таҳқиқоҳо ба ҳисоб меравад.

Дар афзун намудани истеҳсоли картошка, махсусан навъҳои серҳосил ва сифати тухмӣ нақши калидиро мебозанд. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо дар шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор мераванд.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи куҳӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Бо мақсади ҳали масъалаҳои ҷойдошта Акрамов А.Х, таҳқиқотҳои илмии худро доир ба мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеъи Лахши водии Рашт равона намудааст.

Бо назардошти ин гуфтаҳо бешубҳа мавзуи таҳқиқотии Акрамов А.Х. хеле мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсия селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ буда, мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзӯи таҳқиқотӣ аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои таҳқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои ба даст омада иборат буда, муаллиф иҷрокунандаи асосӣ мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳои илмии анҷом дода шуда, инчунин, таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар буда, аслияти матни дисертатсия ба 93,67 % баробар мебошад.

**Диссертатсия аз 6 боб** - муқаддима, тавсифи умумии кор, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳо дар ҳаҷми 156 саҳифаи чопи компютерӣ, омода карда шудааст, ки аз он ҷумла: 19 расм, 22 диаграмма, 29 ҷадвал ва 16 заимаҳо иборат мебошад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда 170 номгӯй иборат буда, аз он ҷумла: 8- номгӯяш ба забони хориҷиро дар бар мегирад. Дар асоси маводи диссертатсионӣ 15-мақолаи илмӣ, аз ҷумла: 6-мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқот ва таҳлилҳои гузаронидашударо дарҷ намудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ , аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

**Муқаддима** оид ба асосноккунӣ ва омӯзиши мавзуъ равона шудааст. Тадқиқотҳои мукаммал дар бораи омӯзиши иқтидори хусусиятҳои биологӣ, муқовимат ба омилҳои таъсиррасони агроэкологии минтақа, қонуниятҳои тағйирёбии нишонаҳои маҳсулнокӣ ва сифати меваҳо вобаста ба шароити обу ҳаво ва таъсири омилҳои гуногун дар шароити минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон гузаронида нашудаанд.

Бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ, омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи кухӣ, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии ҳашаротҳои зараррасон муқаррар гардида, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст, ки ҳамаи ин навгонии асосии таҳқиқотро нишон медиҳад.

**Тавсифи умумии кор.** Дар қисми шиносномаи кори унвонҷӯ Акрамов А.Х. оварда шудааст: мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ

ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт, баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**Омӯзиши хусусиятҳои ботаникиву биологии навъҳои нави интродуксионии картошка;

- Омӯзиши хусусияти инкишоф ва нашъунамои навъҳои нави картошка, ташаккулёбии нишонаҳои морфологии онҳо;
- Муайян намудани маҳсулнокӣ ва ҳослнокии навъҳои гуногуни картошка;
- Муайян намудани алоқамандии (коррелятсия) нишонаҳои асосии навъҳои нави картошка;
- Таъсири касалӣ ва ҳашаротҳои зараррасон ба нашъунамо ва ҳосилнокии навъҳои картошка;
- Муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақаи кӯҳӣ;

**Боби 1.Таҳлили адабиёт оид ба масъалаи таҳқиқот.** Дар ин боби кори диссертатсионӣ дар асоси таҳлили адабиёт маълумоти муфассал оид ба таърихи пайдоиш, аҳамият ва ҳолати кунунии соҳаи картошкапарварӣ дар Тоҷикистон, хусусиятҳои ботаникию биологии навъҳои картошка ва нақши селексия дар ба дастоварии навъҳои картоша дарҷ гардидааст.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар Тоҷикистон тадқиқотҳои илмии дар самти картошкапарварӣ ва рушди минбаъдаи он бо парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ зич алоқаманд буда, дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва маводи тухмии баландсифати картошка, усулҳои селексия, ворид намудани маводҳои авалияи тухмӣ аз хориҷи кишвар ва мутобиқгардонии онҳо ба шароити агроэкологии минтақа мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Боби 2. Шароит, маводҳои аввалия ва методикаи гузаронидани таҳқиқотҳо.** Дар ин боби диссертатсия маълумотҳои зарурӣ оид ба иқлими минтақаи гузоштани таҷрибаҳо, ҳарорати ҳаво, таркиби хок ва баҳои пурраи агроиқлими ҷойи гузаронидани таҷрибаҳо гирд оварда шудааст.

**Шароити хок ва иқлимии минтақа.** Хокҳои минтақаи таҷрибавӣ ба гуруҳи хокҳои ҷигарии муқаррарӣ, ва ҷигарии кӯҳӣ мансуб буда, ҳосилхезиашон миёна мебошад. Дар натиҷаи гузаронидани ташхиси агрокимиёвии намунаи хоки ин нуктаҳо маълум гардид, ки таркиби хоки минтақаи таҳқиқотҳо аз моддаҳои ғизоии нитроген дар дараҷаи аз ҳад паст, фосфор ва калий бошад, дар дараҷаи миёна ва баланд қарор дорад.

Мувофиқи нишондодҳои бисёрсола, иқлими минтақаи Рашт бо тағйирёбии ҳарорат ва ҷамъи ҳарорати умумии мусбии зиёда аз +10$^0$С дар давоми сол 1800 - 2300$^0$С –ро ташкил медиҳад. Давомнокии давраи бехунукӣ бошад 180-240 рӯзро ташкил дода, миқдори боришоти солона 400-450 мм аст. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл 18-25$^0$С –ро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи шабонарӯзии моҳҳои июн- сентябр, ки давраи

асосии нашв ва ҳосилбандии картошка ба ҳисоб меравад ба 14,1- 21,4 баробар гардид, ки ин нишондиҳанда барои сабзиш ва ҳосилбандии растании картошка ҳарорати фоидаовар ҳисобида мешавад. Чунин ҳарорати ҳаво дар ҳудуди 14-20 °С барои афзоиши навъҳои картошка дар мухлати муайяншуда мусоид ҳисобида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт ҳарорати миёнаи оптималии ҳаво, микдори оптималии боришот ва ҷамъи ҳарорати самарабахш мушоҳида мешавад, ки ин омилҳо ба маҳсулнокӣ ва ҳосили навъҳои картошка таъсири мусбӣ мерасонад.

**Методика ва маводҳои таҳқиқот.** Таҳқиқотҳои илмӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985], баҳисобгирии самаранокии иктисодии парвариши навъҳои картошка аз рӯйи методикаи Л.В. Попова [2007] ва муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], ба роҳ монда шудааст.

Дар рафти гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мушоҳидаҳои фенологӣ ва ченакҳои биометрии зерин; муайянсозии сабзиши ниҳолҳо, шонабандӣ, гулшукуфт ва пайдошавии лӯндаҳо, муайянкунии нашъунамои навъҳои картошка аз рӯйи марҳилаҳои инкишофи растанӣ, муайянкунии зиёдшавии биомассаи растанӣ аз рӯйи ҳаҷм тавассути гирифтани намуна аз ҳар як қитъаи таҷрибавӣ, муайян намудани масоҳати баргҳо дар як растанӣ ва гектар дар давраи нашъунамои растанҳо, пайдошавии лӯндаҳо вобаста аз навъ ва шароити минтақа, алоқамандии аломатҳо дар навъҳои картошка, сатҳи сироятёбии навъҳо аз касалиҳо ва зараррасонҳо дар қитъаи таҷрибавӣ ва ғайра ба анҷом расонида шудааст. Маълумоти ба даст овардашуда бо усули дисперсия дар сатҳи эҳтимолияти 0,05 коркарди статикӣ гузаронида шудааст [Доспехов, 1985].

Ба сифати маводҳои таҳқиқотӣ чунин навъҳои картошка: Вектар, Янка, Палатс, Скарб, Манифест, Бриз, Першасвет, Нера ва навъи назоратӣ Жуковский ранний истифода шудааст.

**Боби 3. Натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар ин боб таҳқиқотҳо аз рӯи зербобҳои зерин гузаронида шудааст. Агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ, давомнокии фазаҳои сабзиши навъҳои картошка, аломатҳои морфологии навъҳои картошка, ташаккулёбии сатҳи баргҳо дар навъҳои картошка, массаи узвҳои морфологии навъҳои картошка, маҳсулнокии навъҳои гуногуни картошка, ҳосилнокӣ ва массаи умумии биологии навъҳои картошка, алоқамандии аломатҳои навъҳои картошка, алоқамандии аломатҳои гуногун ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошка.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки рушд ва инкишофёбии растаниҳо дар майдон гуногун буда, аз хусусиятҳои биологии ҳар як навъи картошка ва таъсири шароити иқлими минтақа вобастагии калон дорад.

Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки вобаста аз таъсири тағйирёбии боду ҳаво ва кам ё зиёдшавии боришот дар минтақа ва инчунин, вобаста ба генотипи навъҳои гуногуни картошка, марҳилаҳои рушду инкишофёбии растаниҳо дар давраҳои гуногуни давраи нашв метавонанд тағйир ёбанд. Миқдор ва масоҳати барг барои растанӣ яке аз нишондиҳандаи асосии фаъолияти фотосинтетикии он ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд намудани шумораи лӯндаҳо дар навъҳои картошка, қисми солим ва пурқуввати рӯйизаминии растаниҳо, аз ҷумла баргҳо накши муҳимро мебозанд. Чи тавре, ки маълум аст, масоҳати баргҳо дар навъҳои картошка дар минтакаи кӯҳӣ бештар бо хусусиятҳои генотипи навъҳои картошка ва хусусиятҳои агроэкологӣ алоқаманд мебошад. Маҳсулнокии навъҳои картошка ба аломатҳои ирсии онҳо ва як қатор омилҳои агроэкологии минтақа, ки навъҳо дар он ҷойҳо парвариш карда мешаванд, вобаста мебошад. Барои нигоҳ доштани қобилияти мутобиқшавии навъҳои картошка ба шароитҳои агроэкологии гуногун риояи чорабиниҳои агротехникии илман асоснок бо мақсади нигоҳ доштани навъҳои картошка дар ҳолати солим аҳамияти махсус доранд.

Бояд қайд кард, ки аз байни навъҳои омӯхташудаи картошка дар солҳои таҳқиқот (2019-2022) навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз ҳосилнокии баланд нишон дода, навъҳои нави ояндадори картошка шуморида мешаванд. Аз натиҷаи таҳқиқотҳо маълум мегардад, ки шароити кӯҳии Шимолу Шарқии Тоҷикистони (дар баландии 2100 м аз сатҳи баҳр) дар байни аломатҳои гуногуни навъҳои картошка алоқамандии зиёд мавҷуд аст. Аз таҳқиқотҳои гузаронида маълум гардид, ки вобаста ба шароити агроэкологии минтақа ҳар як аломатҳои навъҳои картошка байни якдигар алоқамандии мусбӣ ё миёна дошта, бе таъсир намебошанд.

**Боби 4. Касалӣ ва зараррасонҳои картошка.** Ин боб зербобҳои зерин иборат мебошад: Касалиҳои асосии картошка дар қитъаи таҷрибавӣ ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо, дараҷаи осеббинии зироати картошка аз ҳашаротҳои зараррасон. Дар ин боб қайд гардидааст, ки дар раванди таҳқиқот оид ба сатҳи сироятёбии навъҳои нави картошка аз касалиҳою зараррасонҳо ва муҳофизати онҳо дар макони таҳқиқот омӯзишҳо гузаронида шудааст. Дар давраи нашъунамо касалиҳои бактериявӣ ва замбӯруғиро бо аён шудани намуди зоҳирии онҳо тариқи мушоҳидаҳо ва канда гирифтани буттаҳо бо реша ва лӯндаҳо аз рӯйи методи М.В. Бурдукова [1967] муайян намуда, фоизи сироятёбиро бо формулаи P =

$\frac{n \times 100}{N}$ муайян карда шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳо собит сохт, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз нисбат ба дигар навъҳои зери омӯзиш қарордоша ба ин ё он намуди касалиҳо устуворияташон миёна ва баланд мебошад. Дар маҷмуъ гирифтории навъҳо ба ин ё он намуди касалӣ 14-22%-ро ташкил медиҳад.

**Боби 5. Самаранокии иқтисодии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеъи Лахши води Рашт.** Дар ин боби диссертатсия омӯзиши масоили баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли картошка дар минтақаҳои кӯҳӣ, таҳияи тадбирҳо тавассути маҷмӯи нишондиҳандаҳо барои ноил гаштан ба самаранокии истеҳсолии соҳаи картошкапарварӣ дарҷ гардидааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии иқтисодии истеҳсоли картошка аз чунин нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолӣ, аз қабили, хароҷотҳои истеҳсолӣ, арзиши аслии маҳсулот, ҳосилнокии навъҳои картошка, даромади умумӣ ва даромади соф аз 1 га майдони кишт вобастагии калон дорад. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо дар шароити кӯҳии ноҳияи Лахш аз парвариши навъҳои Янка 58,38 ҳазор сомонӣ/га, Вектар 45,13 ҳазор сомонӣ/га, Скарб 43,38 ҳазор сомонӣ/га ва Бриз 39,30 ҳазор сомонӣ/га фоидаи соф ба даст омад. Дар маҷмуъ аз ҳамаи навъҳои омӯхташудаи картошка дар шароити минтақаи кӯҳӣ ба ҳисоби миёна 38,38 ҳазор сомонӣ/га фоидаи соф ба даст оварда шудаст.

Таҷрибаҳои гузаронидашуда бори дигар собит месозанд, ки навъҳои омӯхташудаи картошка ҳам аз ҷиҳати фоидаи соф ва ҳам аз ҷиҳати дараҷаи даромаднокӣ бартарии калон дошта, дар сурати ба роҳ мондани парвариши ин навъҳои омӯхташудаи картошка, аз қабили Янка, Вектар, Скарб ва Бриз метавон самаранокии истеҳсолии парвариши картошкаро дар оянда дар минтақаҳои кӯҳии кишварамон хело баланд бардошт.

**Боби 6. Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар ин боби диссертатсия таҳлилҳои саҳеҳ оид ба натиҷаҳои корҳои илмии гузаронидашуда гирд оварда шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардаи Акрамов А. Х. ба монанди ҳамаи корҳои калон ҳаҷми илмӣ-таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ ҷой доранд:

1. Дар матнҳои диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои грамматикӣ, орфографӣ ва стилистикӣ вомехӯранд.

Масалан дар саҳифаи 8 диссертатсия оварда шудааст, ки таҳқиқотҳо дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи бахр муайян карда шудааст. Ҳоло он, ки мутобиқи тавсифи агроиқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Лахш дар баландии 1600 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Инро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст?

2. Саҳ. 28 омадааст вазни 1000 донаи тухмакҳои ботаникии картошка 0,5- 0,8 г-ро ташкил медиҳад. Андозаашон 1,3- 1,8 мм – ро ташкил менамояд. Нофаҳмо аст, ки муаллиф андозаи як дона тухмаки ботаникӣ ё ба пурраги тухмакро дар назар дорад?

3. Дар саҳ.40 диссертатсия калимаи ҳосилшавии лунбаҳо ба калимаи ҳосилшавии лундаҳо иваз карда шавад.

4. Дар саҳ. 59 омадааст, ки дар давраи нашв 12-14 маротиба киштзори картошка обёрӣ гардидааст, лекин дар маҷмуъ чанд $м^3$ сарфи об нишон дода нашудааст, дар автореферат низ чунин аст.

5. Дар саҳ. 61 оварда шудааст,ки навъҳои картошкаи Першасвет ва Палатс мутаносибан 4 ва 3 рӯз тезтар нисбат ба лӯндаҳои навъи назоратии Жуковский ранний, неш зада мебароянд. Аммо сабабаш нишон дода нашудааст.

6. Саҳ. 78. Маҳсулнокии навъҳои картошка ба аломатҳои ирсии онҳо вобастагӣ дорад. Кадом аломатҳоро дар назар дорад, нофаҳмо аст.

7. Боби 4. Дар диссертатсия дар бораи касалиҳо ва зараррасонҳо маълумоти зиёде оварда шудааст, хуб мешуд,ки маълумот дар ин бахш мухтасар оварда мешуд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ .** Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ” КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Хулосаи умумӣ.** Рисолаи илмии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи: “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори илмии ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорой ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои картошкаро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд.

Диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.июни.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода менамояд. Аз ин рӯ мо ба чунин хулоса омадем, ки

диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.- Селксия ва тухмипарварии растаниҳои икшоварзӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмии Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Протоколи №3 аз "23" "апрели" соли 2024** баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Муовини директор оид ба илм ва таълими Институти биологии Помир, номзади илмҳои биологӣ _________ А. Сафаралихонов

**Эксперт:**
Мудири пойгоҳи таҳқиқотии ноҳияи Ишкошими ИБП АМИТ, номзади илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварӣ _________ Ҷ. Ҷаҳонгиров

Котиби Шурои илмии Институти биологии Помир, н.и.б. _________ Г. Хуҷаназарова

Имзоҳои Сафаралихонов А., Ҷаҳонгиров Ҷ.О. ва Г. Хуҷаназарова -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Институти биологии Помир _________ Л. Наврузқулова

30.04.2024

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кучаи. У.Холдоров 1, Институти биологии Помир ба номи акад. Х.Ю. Юсуфбекова АМИТ. Тел корӣ - 2-80-19, моб. 93 839 54 12, E-mail: gulnora65@inbox.ru